Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА -017
назди Институти иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
(734024, ш. Душанбе, кучаи Айнӣ 44, E-mail:
boboev.komil@list.ru

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шоназарзода Нигора Шоназар ба диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барон дарёфти дарадаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 – ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

**1.Мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот аз рӯи мавзуи диссертатсия**

Дар раванди расидан ба ҳадафҳои стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 нақши соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва идоракунии равандҳои он дар шароити навсозӣ хело назаррас мегардад. Вобаста ба ин таъминоти саривақтии меъёрҳои ҳуқуқии соҳа барои рушди бомуваффақияти низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ мубрам ҳисобида шуда, аз мукаммалгардонии механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ бо назардошти истифодаи усулҳои модернизатсионии ташкили кор, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, баланд бардоштани тахассуси кормандони соҳа, дарёфти роҳҳои самараноки алоқаи байни сатҳҳои гуногуни идоракунӣ алоқаманд буда, имконият медиҳад, ки идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ самаранок ва бештар мақсаднок расонидани ёрии суроғавӣ шароити зарурӣ фароҳам оварад.

Аз таҷриба бар меояд, ки имрӯз масоили зиёде нисбати баландбардории самаранокии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти маҳдудияти захираҳои молиявӣ вобаста буда, таҳқиқи хусусиятҳои ҷойдошта ва таъсири омилҳоро ба фаъолияти самараноки низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ тақозо мекунад. Мутаассифона масъалаҳои зиёде ҳангоми омӯзиш мавҷуданд, ки таҳқиқи амиқро бо назардошти такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии

идоракунии ҳифзи ичтимоӣ дар назар дорад. Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, тавассути такмили сохтори низом, муносибгардонии фаъолияти кормандонро тақозо мекунад, ки аз таъсиси низоми автоматикунонидашудаи иттилоотӣ, мониторинг ва таҳлили равандҳои соҳаи ичтимоӣ вобаста буда, таҳия ва татбиқи механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии тақсимоти захираҳоро дар бар мегирад.

Инчунин, истифодаи абзорҳои рақамӣ барои муошират бо мардум, гирифтани маълумот дар бораи ниёзҳо ва пешниҳоди машваратҳои дурдаст ичтимоӣ ва низоми идоракунии онҳо бо назардошти афзалиятҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои муассисаҳои ичтимоӣ аз аҳаммияти баланди амалӣ ва назариявии ин самт гувоҳӣ медиҳад.

Механизми идоракунии ҳифзи ичтимоӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, ҳангоми баланд бардоштани тахассуси кормандон, ташкили курсҳо, семинарҳо ва тренингҳо барои мутахассисони бахши ичтимоӣ чиҳати баланд бардоштани малака ва дониши касбии онҳо, татбиқи системаҳои баҳодихии сифати кори кадрҳо ва ҳавасмандгардонии онҳо барои ноил шудан ба натичаҳои баланд такмили механизми мотиватсиониро тақозо мекунад, ки аз ташкили заминаи додани мукофоти моддӣ-пулӣ ва рушди низоми муносибатҳои муосир вобаста буда, таҳия ва татбиқи механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва ичтиморо дар бар мегирад. Инчунин, таҳия ва рушди сиёсати муосири кадрӣ ва низоми идоракунии онҳо бо назардошти афзалиятҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои ғайримолиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз аҳаммияти баланди амалӣ ва назариявии ин самт гувоҳӣ медиҳад.

Аз тарафи дигар ҳалли мушкилоти мукаммалгардонии механизми идоракунии ҳифзи ичтимоӣ дар асоси коркард ва истифодаи механизмҳои муносиб, зарурати таҳқиқи чабҳаҳои такмили ин низомро дар шароити муосир тақозо мекунад. Бо назардошти ин мубрамии мавзуи интихобшудаи

диссертатсионии Холиқзода А.Ю бебаҳс буда, дорои аҳаммияти баланди амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

## 2.Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 –Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба бандҳои: “10.2. – Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо, бизнеси байналмиллалӣ. Ташаккули ҷомеаи информатсионӣ ва ғ; 10.3 Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва тадбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. Вижагиҳои таҳия ва тадбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Идоракунии давлатии низоми андоз, гумрук ва маҷмааи иқтисоди беруна. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ (давлатӣ). 10.5 Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, усулҳо (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи тиҷорат. 10.12 Идоракунии давлатӣ дар бахши меҳнат ва шуғлнокӣ. Идоракунии шуғлнокӣ дар ташкилот. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва инкишофи кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии касбият (карера) ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии кадрҳои идоракунандаи зинаи олӣ” мувофиқат мекунад.

## 3.Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди масоили илмӣ бо арзёбии аҳмамияти он

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи рисола дида мешавад. Муаллиф дар муайян намудани самтҳои мукаммалгардонии механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар марҳилаи муосир, таҳлилу арзёбии вазъи муосири соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва тамоюли рушди низоми идоракунии он, ташаккул ва такмили механизмҳои ташкилӣ -иқтисодии самараноки низоми идоракунӣ дар кишвар саҳми худро гузошта, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст. Тавсияҳои методӣ ва амалие, ки дар рисола асоснок карда шудаанд, ҳангоми ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҷараёни тадриси фанҳои менеҷмент, менеҷменти инноватсионӣ, идоракунии кадрҳо, менеҷменти меҳнат, иқтисодиёти меҳнат ва менеҷменти кадрӣ истифода мешаванд.

Муаллиф дар инкишофи равандҳои пешниҳоди чораҳои амалӣ нисбати мукаммалгардонии механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди муносибатҳои судманди ташкилӣ-иқтисодӣ саҳм гузошта, бо натиҷаҳои бадастовардааш самтҳои афзалиятнок, вазифаҳо ва тадбирҳоро асоснок карда, дар асоси истифодаи меъёрҳо ҳангоми арзёбии самаранокии расонидани кумак ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоянашавандаи аҳолӣ ва татбиқи механизми ташкилию иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоиро исбот кардааст.

Аз ин рӯ, аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар мукаммалгардонии механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосири зоҳир мегардад. Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот бадастомада, метавон саҳми муҳим дар мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намуд. Инчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, баҳодиҳии

вазифаҳои ҳалшаванда, усулҳои таҳкикот, таҳлили илмӣ ва таълифоти муаллиф тасдиқ мегардад.

Хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

## 4.Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ иборат аст.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии таҳқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

1. таҳқиқи пурраи асосҳои назариявии идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ дар асоси нуқтаи назари олимони гуногуни иқтисодӣ омӯхта шуда, таърифи муаллифии ин категорияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст. Ба ақидаи муаллиф «идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ ҳамчун намуди махсуси идоракунии иҷтимоӣ арзёбӣ намуда, таъсири мақсаднокро ба равандҳои ташкил ва рушди таъминоти иҷтимоӣ ва дастгирии аҳолӣ аз тарафи институтҳои ҳифзи иҷтимоӣ ифода менамояд»;

2. дар рисола муаллиф омӯзиши ҳаматарафаи принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоиро дар низоми иқтисоди бозорӣ муайян ва ошкор намуда, зарурати истифодаи принсипҳои интегронидашударо мушаххас кардааст. Вобаста ба таҳқиқи низоми муносибатҳои бозорӣ тадбики усулҳои барномарезии иҷтимоӣ ва амсиласозии иҷмоӣ дар беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ нақши махсусро ноил гашта ба ҳадафҳои гузошташуда дар назди гурӯҳҳои осебпазирӣ аҳолӣ савақт муқаррар карда шуда, барномаҳои дахлдор оид ба таъминоти некуаҳволии онҳо таҳия ва тадбирҳо пешниҳод карда шудааст;

3. дар сатҳи зарурӣ бо истифода аз натиҷаи таҳлили муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ ва низоми мавҷудаи идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, ошкор карда шудааст, ки новобаста аз умумияти сиёсати иҷтимоӣ дар ҳар як кишвар, таъминоти иҷтимоӣ хусусиятҳои хоси худро дорад ва фароҳам овардани шароити мусоид ва амалисозии механизми муосир ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин сабаби маҳдуд будани имконияти буҷети мамлакат, унсурҳои алоҳидаи давлатҳои мутараққии саноатии қитъаи Амрико ва Осиё дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад, асоснок ва муайян карда шудааст;

4. дар рисола заминаҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки ба сифати танзимкунанда ва муайянкунандаи меъёрҳои ҳуқуқии соҳа ва алоқамандии самаранокии низоми идоракунӣ бо назардошти вазъи муосири рушди хоҷагии халқ ва механизми тадбиқи онҳо аниқ карда шуда, ду омили асосӣ: пеш аз ҳама ба саломатӣ ва таҳсилот аҳамияти аввалиндараҷа дода, тавассути ҳамкории фаъолонаи одамон ва давлат, кӯшишҳои зарурии субъектҳои хоҷагидор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки онҳо ҳамчун меъёри самараноки сиёсати иҷтимоӣ муайян шудааст;

5.дар асоси омӯзиши сохтори иҷтимоӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ, мушкилот дар ин раванд муайян шуда, барои ислоҳи вазъият низоми идоракунии муассисаҳои таъминоти иҷтимоӣ тағйир дода шуда, нақши ташкилотҳои тиҷоратӣ дар ташкили хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо назардошти хусусиятҳои мавҷуда асоснок ва пешниҳод карда шудааст;

6. дар рисола тавсияҳои асоснок нисбати мукаммалгардонии чораҳо оид ба механизми идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар бо дарназардошти шароити иқтисоди бозорӣ, арзёбии вазъи муосир ва тамоюли рушди низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунӣ, инчунин роҳҳои баланд бардоштани самаранокии низом, дастгирии давлатӣ ва мукаммалгардонии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии идоракунӣ пешниҳод карда шудааст.

## 5.Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳкикот, рӯйхати адабиёт ва интишоротро аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар бар гирифта, он дар 174 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шудааст.

Муқаддимаи кори диссертатсионӣ (саҳ.4-17), фарогири баррасии мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методии тадқиқот, ҳадафи объект, мавзуъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот мебошад. Ҳамчунин, дар муқаддима нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия, иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он ва интишори натиҷаҳои диссертатсия нишон дода шудааст.

Дар боби аввали рисола “Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир” (саҳ.17-69) моҳияти назариявии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир (саҳ.17-36) таҳқиқ карда шуда, вазифаҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, омилҳои таъсиркунанда ба самаранокӣ ва моҳияти идоракунии иҷтимоӣ, таърифи механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳифзи иҷтимоӣ аз ҷониби муаллиф (саҳ.31-42) муайян шуда, принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити муосир ошкор карда шуд (саҳ.37-50), инчунин омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити бозор (51-69) ба сомон расонида шудааст.

Аз таҳлили зербанди аввали боби якуми рисола бар меояд, ки дар асоси омӯхтани асосҳои назариявии таҳқиқи механизми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ нақши он дар арзёбии беҳдошти натиҷаи тадбирҳои дастаҷамъи ва ҳамгирошудаи сохторҳои давлатӣ, хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дида баромада шудааст ва баъдан ин натиҷаҳо имконият додаанд, ки мукаммалгардонии ин механизм дар

шароити имрӯза дар асоси баррасии самаранокии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар сатҳи зарурӣ аз тарафи муаллиф принсипҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дида баромада шуда, таркиби таснифоти усулҳо аз рӯи вазифаи идоракунӣ арзёбӣ шуда, барои идоракунии оқилонаи инфраструктураи соҳаи иҷтимоӣ, усулҳои таҳлил ва синтезро истифода намудан пешниҳод шудааст.

Боиси дастгирӣ натиҷаҳои омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар замони муосир, ки аз тарафи муаллиф ба анҷом дода шудааст ва истифодаи он дар мамлакати мо имконпазир аст ба ҳисоб меравад.

Дар боби дуюми рисола "Таҳлили вазъи муосир ва идоракунии рушди соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (саҳ.70-108), асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.70-81) муайян карда шуда, таҳлили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.82-94) гузаронида шуда, арзёбии вазъи муосир ва тамоюли идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст (саҳ.95-107)

Дар зербоби аввали боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ таҳқиқи асосҳои институтсионалии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар асоси арзёбии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои эътибори олӣ, ки дар он принсипҳои умумии давлати иҷтимоӣ, кафолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ шуда, тадбирҳои дастгирӣ, зиёд кардани шуғл, ба амал баровардани кафолатҳои иҷтимоӣ муайян карда шудааст.

Дар зебоби дуюми ин боб таҳлили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси омӯзиши сохторҳои муосири низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, миқдори муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2023, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазифаҳои асосии он, Вазорати маориф

ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун сохтори танзимкунанда ва вазифаҳои иҷтимоии он ба сомон расонида шуда, мушкилотҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд.

Дар ин радиф ақидаи муаллиф нисбати набудани методологияи баҳисобгирии хароҷоти маъмурӣ ва баҳисобгирии нопурраи хароҷоти барномаҳои иҷтимоӣ, ки хароҷоти расонидани кумаки амалӣ мунтазам кам баҳо дода мешавад, боиси дастгирӣ мебошад.

Ба ақидаи мо таҳлили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар асоси таҳқиқи муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоӣ, ки кумаки иҷтимоиро таъмин менамояд, инчунин хароҷот барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори истифодаи даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ дар сатҳи зарурӣ гузаронида нашудааст.

Дар боби сеюми рисола “Самтҳои мукаммалгардонии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (саҳ.108-147) механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (саҳ.108-121), роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ (саҳ.122-134) ошкор карда шуда, дастгирии давлатӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодиии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ (135-147) асоснок карда шудааст.

Аз баррасии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бар меояд, ки арзёбии рушди иқтисодиёти мамлакат дар муқоиса ба даҳсолаи дуюм ва сеюм сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ коҳиш ёфтааст, аммо мушкилот дар ин самт идома дорад, ки зарурати такмилдиҳии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур дониста, тақозо менамояд, механизми ташкилӣ-иқтисодии ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои асосии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар рисола раванди идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун механизми самаранокии ташкилӣ – иқтисодии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар

ин радиф ба андешаи муаллиф татбиқи механизми мазкур дар амалия имконият медиҳад, ки равандҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам мукаммалтар карда шуда, муқаррарсозии гурӯҳҳои осебпазир саривақт ба роҳ монда шуда, барномаҳои зарурии беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд.

Аз таҳлили ин боби рисола бар меояд, ки дар он такмили идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва муосиргардонии татбиқи маҷмӯи чорабиниҳои низомӣ зарур аст. Дар ин ҷода, бояд модели нави мутавозин ташаккул дода, танзими давлатиро бо механизми бозории худтанзимкунӣ муттаҳид намуда, такрористеҳсолкунии устувори васеъро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд, ки ин имконияти мукаммалгардонии механизми ташкилию иқтисодии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро ба маротиб баланд мегардонад.

Дар зербоби охирини боби сеюм дастгирии давлатӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ бо назардошти таҳлили сохтори даромади аҳолӣ ва вазъи муосири сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар асоси таҳлили сохтори истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ исбот карда шуд, ки новобаста аз он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст, ҳиссаи нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ва кумакпулӣ дар сохтори даромади аҳолӣ ночиз аст. Аз ин рӯ, дастгирии давлатӣ, мукаммалгардонии механизми идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоӣ, зиёд намудани маблағгузорӣ дар беҳдошти иҷтимоӣ, дарёфти роҳҳои баланд бардоштани самаранокии макроиқтисодии идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ зарур дониста шудааст.

Дар асоси арзёбӣ нишондиҳандаҳои муаррификунандаи сохтори умумии аҳолӣ, нишондиҳандаҳои ифодакунандаи дараҷаи нобаробари тақсимоти даромадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти татбиқи тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакат ба воситаи се нишондиҳанда ба рушди иқтисодиёт таъсиррасон: соддагардонии низоми қарздиҳӣ ба табақаҳои камбизоат ва ниёзманде, ки қобилияти хуби фаъолияти пешбурди соҳибкориро доранд; таъмини амнияти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии табақаҳои гуногуни ҷомеа

ба дастгирии ҳаматарафаи давлатӣ; беҳтаргардонии низоми тақсимоти оптималии захираҳои аҳолӣ ва шахсони эҳтиёҷманд сурат гирифтааст. Инчунин таъсири мутақобилаи маблаггузорӣ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ дар мамлакат дида баромада шуда, таъсири фарогирандаи беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ дар макросатҳ аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудааст.

Дар хотимаи диссертатсия муаллиф маҷмӯи тадбирҳои мушаххасеро ироа кардааст, ки аз натиҷаи таҳлили вазъи муосир ва мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меоянд.

Дар охири рисола хулосаҳои асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (саҳ. 151-153).

**6.Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи назариявию амалии диссертатсия**

Новобаста ба бартариятҳо диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест, аз ҷумла:

**1.** Муқаддима бояд аҳамияти мавзуъро баланд бардорад, арзёбии дараҷаи таҳияи масъаларо васеъ намуда, мақсадҳои тадқиқотро бо назардошти аниқ намудани андозаи сабади истеъмолиро, ҳамчун мушкилоти зарурии аз нав дида баромадани низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар бар гирад. Мутаасифона арзёбии сабади истеъмолӣ ба пуррагӣ дар ин банди рисола сурат нагирифтааст.

**2.** Дар боби аввали диссертатсия баҳодиҳии асосҳои назариявӣ ва методии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар асоси баррасии сарчашмаҳои илмии мавҷуда гузаронида шудааст. Мутаассифона ба низом даровардан ва пешниҳод кардани умумиятҳои илмӣ, хулосаҳо ва равишҳои муаллифӣ, баҳодиҳӣ ва равшаниҳо дар сатҳи зарурӣ сурат нагирифтааст.

**3.** Дар банди 1.2 (саҳ.37-51) вобаста ба вазифаҳои таҳқиқот бояд ошкорсозии принсипҳо, усулҳо, воситаҳо ва тамсилаҳои идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар хориҷи кишвар, баҳодиҳӣ, таҳлил, аниқ, асосноккунии принсипҳои таркибии таҳияи воситаҳои идоракунии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ нишон дода шуда, таҷрибаи хориҷии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ ва татбиқ намудани он дар шароити

Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирифт. Аммо ин масъалаҳо бе баррасии омилҳои таъсиррасон ба рушди ҳифзи иҷтимоӣ ва идоракунии самараноки он дар шароити рақамикунонӣ, арзёбии самтҳои асосии фаъолият ҳангоми амали шудани Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 баррасӣ нагардидаанд.

**4.** Аз арзёбии таҳлилҳои дар банди 2.2 (саҳ. 82-95) гузаронида шуда бар меояд, ки онҳо бояд дар асоси омузиши нишондиҳандаҳои низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайянкунии мушкилотҳо дар ин соҳа ва роҳҳои ҳалли онҳо дар пешрафти иқтисодиёт ва некуаҳволии мардуми кишвар сурат мегирифтанд. Мутаасифона ин масъала ҳалли худро наёфтааст.

**5.** Ба ақидаи мо тадбирҳои пешниҳод шудаи муаллиф оид ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 3.2, саҳ. 122 - 135) бояд тавассути такмили сохтори низом, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, баланд бардоштани тахассуси кормандон ва нақши мақомоти маҳаллӣ, истифодаи технология ва усулҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ ва бештар мақсаднок расондани ёрии суроғавӣ, такмил ва инкишоф додани низоми давлатии суғуртаи иҷтимоӣ пешниҳод карда мешудаанд. Мутаасифона ин самтҳо мавриди арзёбии пурра қарор дода нашудаанд.

**6.** Дар рисола норасогиҳои имлоӣ дида мешавад ва таҳқиқи баъзе аз мавҳумҳо ва хулосаҳо такмил металабад.

Новобаста ба ин эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методӣ ва амалии кори такризшавандаро коста намегардонанд ва бештари онҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз ин рӯ, рисолаи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мукаммали дар сатҳи назариявию методӣ ва амалӣ анҷомёфта буда, мазмуну мундариҷа, хулосаю пешниҳодот ва навгониҳои илмии он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

### 7.Мутобиқати автореферат ва иитишороти муаллиф ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия

Мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқоти тақризшаванда ба пуррагӣ дар автореферати рисола ва мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва инчунин дар маҷмӯаи мақолаҳои конференсияҳо илмию амалии сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд. Дар маҷмӯъ, диссертатсия дар сатҳи зарурии илмию назариявӣ ва методӣ иҷро шудааст.

### 8.Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Диссертатсияи Холиқзода Аҳлиддин Юлдош дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барон дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 – ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедра андоз ва андозбандии**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати**
**Тоҷикистон** **Шоназарзода Н.Ш.**

Имзои н.и.и., дотсент Шоназарзода Н.Ш. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Деҳотӣ 1/2,
Телефон: +992(37) 234-83-46; +992(37) 234-85-46;
Суроғаи электронии муассиса: www.tguk.tj
Суроғаи электронии муқаррizи расмӣ - Shmarupova@mail.ru
Телефони муқаррizи расмӣ: (+992) 909 99 53 57 (м).
Сана: 26.05.2025